# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Дар ҳама гуна давлат, дар воқеъ, маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳамаи даврахои таърихӣ омили пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ ва яке аз пояҳои муҳимми давлатдорӣ мебошад. Рушду нумӯи ҳар як давлату миллат, ба вижа дар шароити муосир, ба сиёсати дурандешонаю пайгирона дар самти мактабу маориф ва ташаккули низоми таҳсилот тибқи талаботи таҳсилоти байналмилалӣ вобастагии қавӣ дорад.

Мактабу маориф дар шароити кунунии рушд ва ҷаҳонишавии низоми таҳсилот ва дастовардҳои беназири технологияи таълимию иттилоотӣ дар сиёсати давлатӣ мақоми меҳвариро соҳиб мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста изҳор менамоянд, ки ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад ва дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд.

Имрӯз ислоҳоти соҳаи маориф бомаром идома дошта, самти муҳим он баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба ҳисоб меравад ва бо ин мақсад силсилаи тадбирҳо доир ба сохтмону барқарорсозӣ, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ андешида мешавад.

Хеле дуруст ва бамаврид довталаб изҳори назар мекунанд, ки дар ин раванд, мо бояд аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё ба таври васеъ истифода намоем ва рушди муназзами соҳаи маорифро таъмин намуда, мутахассиси рақобатпазирро дар бозори меҳнат тарбия намоем. Бинобар ин, зарур аст, ки муаммоҳои соҳаи маориф объективона таҳқиқ гардида, тадбирҳои мушаххас баҳри бартараф намудани онҳо андешида шавад.

Аз ин хотир, барои ноил шудан ба ин мақсадҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ даҳҳо стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ба тасвиб расондааст, ки дар рушди маорифи кишвар бе шак нақши басо созгорро гузошта, барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва

ҳар чӣ зудтар ворид шудани таҳсилоти миллӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ, ҷавобгӯ гаштани мазмуну мундариҷаи таълим, стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ба ин васила, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи кишвар ба талаботи бозори ҷаҳонии таҳсилот шароит ва заминаҳои мусоидро фароҳам сохтанд.

Тақдири имрӯзу фардои кишвар аз рушди маориф, ки ҳадафи он татбиқи барномаҳои давлатӣ маҳсуб меёбад, вобаста буда, ҳар қадар низоми маориф дар ҷумҳурӣ рушд кунад ва насли наврас донишманду бомаърифат, навовару ихтирокор ба камол расад, ҳамон қадар ояндаи мамлакат шукуфон хоҳад шуд.

Вобаста ба ин, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Сафарзода Гулистон Сафар бояд таъкид сохтааст, ки раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳқиқу таҳлил ва арзёбии илмиро тақозо мекунад, то ки ба нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар баҳои объективона дода шуда, мушкилоти дар роҳи амалисозии талаботи онҳо мавҷуда сариваҳт бартараф ва дар ин самт боз тадбирҳои амаливу иловагии дигар ба нақша гирифта шаванд. Сарфи назар аз он ки оид ба раванди иҷрои ин ё он барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар нашрияҳои даврии соҳавӣ аҳёнан хабару мақолаҳои мутахассисон ва кормандони соҳаи маориф ба табъ мерасанд, дар онҳо ҷанбаҳои илмии ин раванд ба таври мукаммал таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Андешаву мулоҳизаҳои дар фавқ ироашуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯ барои рушди минбаъдаи маорифи кишвар ниҳоят муҳим ва сариваҳтӣ буда, метавонад дар амри иҷрои сариваҳтии муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва дар маҷмуъ ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ба қадри имкон саҳмгузорӣ ва мусоидат кунад.

2. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи омӯзиши стандарт, нақшаю барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаҳои васеи шуъбаи мазкур аз 14.04.2022, №04 ва Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳ муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 23.06.2022, №04).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим таҳлилу баррасӣ шуда, нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар ошкор гардида, роҳу усулҳои татбиқи самарабахши барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф нишон дода шудаанд. Аз он ҷумла, дар раванди таҳқиқот вазъи иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ шуда, шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ба таври назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд. Илова ба ин, самаранокии татбиқи талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавию озмоишӣ тасвибу тасдиқ карда шудааст.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои татбиқи муқаррароти барномаҳои давлатӣ дар раванди таҳсилот дар шароити муосир ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи илмию педагогӣ, ташхисӣ ва методие, ки амалисозии талаботи барномаҳои давлатӣ заруранд, метавонанд аз ҷониби маъмурият ва омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф истифода бурда шаванд.

Инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

4. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогика умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 4* – "Назария ва консепсияҳои таълим" (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* –

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим таҳлилу баррасӣ шуда, нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар ошкор гардида, роҳу усулҳои татбиқи самарабахши барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф нишон дода шудаанд. Аз он ҷумла, дар раванди таҳқиқот вазъи иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ шуда, шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ба таври назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд. Илова ба ин, самаранокии татбиқи талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавию озмоишӣ тасвибу тасдиқ карда шудааст.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои татбиқи муқаррароти барномаҳои давлатӣ дар раванди таҳсилот дар шароити муосир ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи илмию педагогӣ, ташхисӣ ва методие, ки амалисозии талаботи барномаҳои давлатӣ заруранд, метавонанд аз ҷониби маъмурият ва омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф истифода бурда шаванд.

Инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

4. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогика умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 4* – “Назария ва консепсияҳои таълим” (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* –

“Консепсияҳои таълим” (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи омӯзиши стандарт, нақшаю барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии Пажуҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалӣи шуъбаҳои Пажуҳишгоҳ ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиали он дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 8 мақолаи илмӣ, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи фехристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

6. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

8. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Сафрзода Гулистон Сафар тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши

барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Данғара ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва – Булбулов Ҷумъа, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев таъин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Иматзода Л.М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои педагогӣ Шербоев С.

номзади илмҳои педагогӣ Маҳкамов Д.

30.10.2023

*“Имзои Л.М. Иматзода, С. Шербоев ва*
*Д. Маҳкамовро тасдиқ мекунам”*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН. РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА. ШУЪБАИ КАДРҲО. ОТДЕЛ КАДРОВ